ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника пешниҳод гардидааст.

Олами набототи худрӯй ва киштшавандаи минтақаи Кӯлоб хеле бой ва гуногун буда, дар байни онҳо растаниҳои шаҳддиҳанда нақши муҳимро мебозанд. Онҳо на танҳо манбаи ғизоӣ барои занбӯри асал, балки манбаи маҳсулоти соҳаи занбӯрпарварӣ, ҳамчунин барои ғизо, табобат ва пешгирии бемориҳои гуногуни инсон маводи доруворрии муҳим мебошанд. Дар умум, маҳсулоти занбӯри асал, аҳаммияти калон барои ҳалли мушкилоти амнияти озуқаворӣ ва рушди устувори соҳаи аграрӣ дар сатҳи минтақа ва ҷумҳурӣ мебошад.

Растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб гурӯҳи растаниҳои пӯшидатухмро ташкил мекунанд, ки аз онҳо занбӯри асал шаҳд ва гарди гулро ҷамъоварӣ мекунад. Дар табиат байни занбӯри асал ва растаниҳои шаҳддиҳанда робитаи қавӣ вуҷуд дорад. Муқаррар шудааст, ки зиёд шудани гули растаниҳои тавассути ҳашаротҳои гардолудкунанда, бахусус, занбӯри асал ба ҳосилнокии шаҳд, афзоиши ҳосили растаниҳо, сифати тухмӣ ва меваҳо оварда мерасонад. Баланд шудани ҳосилнокии шаҳди растаниҳо дар мадди аввал ба рушди тухми насли занбӯри асал таъсири мусбӣ мерасонад.

Унвонҷӯй омӯзиши муқоисавии ҳамаҷонибаи мавҷудияти растаниҳои шаҳддиҳандаи худрӯй ва киштшавандаи минтақаро мавриди омӯзиш қарор додааст, ки онҳо татбиқи худро дар соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоб ва хоҷагиҳои хусусӣ пайдо карданд. Инчунин омилҳои муҳити беруна ва ботаникию географии минтақа ба популятсияҳои растаниҳои шаҳддиҳандаро мавриди таҳлил қарор додааст. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф оид ба ҳосили шаҳди намудҳои алоҳида бо мақсади истифода дар соҳаи занбӯрпарварӣ аҳаммияти амалӣ дорад.

Ҳамчунин унвончӯй дар кори илмии худ қайд мекунад, ки маҳсулнокии растаниҳои шаҳддиҳанда аз мавҷудияти ҳолати шаҳд ва гарди гул, ки занбӯри асал аз онҳо ҷамъоварӣ мекунанд, вобастагӣ дорад. Шаҳди растанӣ дар шакли нуқтаҳои ҳамвор одатан дар қаъри гулҳо, ки дар он ҷо онҳо дар ғафсиҳои махсуси косабаргҳо ё гулбарг, баъзан пояи растанӣ, қаламчаи барг, дар баргаки зери гул, такбарг пинҳонанд, ҷойгир мебошанд. Аз рӯйи табиаташ, шаҳд, ин афшурдаест, ки аз қанд бой аст, аз ғадудҳои растаниҳои гуногун ҷудо мешавад, ки маҳлулҳои обии сахароза, глюкоза, фруктоза, малтозаро бо миқдори ками кислота, спирт, минералҳои гуногуни моддаҳои мураккаби хушбӯй, намакҳо, ферментҳо ва моддаҳои мураккаби гуногуни хушбӯйро ташкил мекунад. Инчунин миқдори шаҳди аз як гул ҷудошуда, вобаста аз хусусияти растаниҳои шаҳддиҳанда хеле фарқ мекунанд. Масалан, гулҳои саҳлаби тропикӣ аз авлоди Coryanthes то 30 г. шаҳд ҷудо мекунанд, дар гулҳои зерфуни одӣ 0,15-7,46 мг, дар гулҳои зерфуни калонбарг 0,5-11,54 мг, дар гулҳои тамашк ба ҳисоби миёна 14 мг, дар гулҳои қашқабеда миқдори ҷудонамудаи шаҳд 0,16 мг ташкил медиҳад

Дар умум бояд зикр кард, ки унвончӯй дар рафти иҷрои кори илмии худ усулу услубҳои замонавии соҳавии умумиқабулшударо истифода намудааст ва сохтори автореферат, тартиби баёни мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, таҳлилу хулосаҳо гувоҳии пурра иҷро гардидани мақсадҳои гузошташуда буда, далели кори илмии анҷомёфта мебошад. Инчунин унвончӯй тибқи мавзуи рисолаи худ 11 маводи илмӣ аз нашр баровардааст, ки 3-тои он дар маҷаллаҳое, ки ба рӯйхати нашрияҳои илмӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, шомил мебошад. Аппратсияи натиҷаҳо тариқи баромадҳо дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ гузаронида шудаанд.

Бандҳои автореферати рисолаи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва

истифодаи оқилонаи онҳо» ба талаботи «Низомномаи Шурои диссертатсиониҳо, Тартиби додани дараҷаҳои илмҳо, Тартиби додани унвонҳои илмҳо ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда», бандҳои 31,32,33, таҳти № 267 аз 30 июни соли 2021 пурра мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника лоиқ мебошад.

Тақриздиҳанда:
ходими пешбари Институти биологии Помир
ба номи академик Х.Ю.Юсуфбекови АМИТ,
директори боғи ботаникии Помир,
номзади илмҳои биологӣ Х.А.Бекназарова

“____” _____2026 г.
Суроға:
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистан,
ВМКБ, шаҳри Хоруғ, кучаи У.Холдоров,1.
Телефон: (+992) 93 156 96 40
E-mail: 07 khosiyat@mail.ru

Имзоро
Тасдиқ мекунам:
Нозири калони кадирҳои
Институти биологии Помир ба номи академик
Х.Ю.Юсуфбекови АМИТ Л. Наврузкулова
Суроға:
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистан,
ВМКБ, шаҳри Хоруғ, кучаи У.Холдоров,1.
Телефон: (+992) 93 461 58 85
E-mail: n.latofat@mail.ru
“03” августа 2026 г.